# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.KOA-026-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Парвандаи аттестатсионии №5**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27 августи соли 2020, таҳти №2 дар бораи ба Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.

Диссертатсия дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII» 10-уми марти соли 2020, суратмаҷлиси №2 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.02.2020 с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло, соли таваллудаш 1990, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2012 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам – Абуҳанифаро бо ихтисоси фалсафа ва илоҳиёт хатм карда, зинаи магистратураро дар факултети фалсафаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон идома дода, онро соли 2014 бо ихтисоси фалсафа ба анҷом расонидааст. Номбурда соли 2015 ба зинаи докторантура, доктор Ph.D, доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа дар факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11.11.2015, протоколи №9 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назаров Рустам** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ.

**Мушовири илмӣ: Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна** – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Маркази синошиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Қурбоншоев Илҳом Ҷумъахонович** – номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи илмҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ;

**Муассисаи тақриздиҳанда –** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, дар тақризи мусбати худ н.и.ф, дотсент Ҳаитов Ф. Қ., мудири кафедраи фалсафа ва таърих имзо, раискунанда доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С., имзо ва аз ҷониби ректори ҳамин Донишкада, номзади илмҳои иқтисодӣ., дотсент Асрорзода У.С. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дар мавзӯи «Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII», ба талаботе, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло алоқамандӣ доранд.

Довталаб 10 маводи чопӣ дорад, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи довталаб аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Муҳамадҷони Т. Р. Фалсафаи маорифи ориёӣ – сарчашмаи фалсафаи маорифи замони Эҳёи Аҷам. [Матн] / Т.Р. Муҳамадҷони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2016. - №3/4. - С. 108 -112
2. Муҳамадҷони Т. Р. Нақши амирони Сомонӣ дар рушди маорифи замони Эҳёи Аҷам. [Матн] / Т.Р. Муҳамадҷони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2017. - №3/3. - С. 12 -16
3. Муҳамадҷони Т. Р. Тамаддуни исломӣ – омили зуҳури замони эҳёи тамаддуни тоҷику форс. [Матн] / Т.Р. Муҳамадҷони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2018. - №1. - С. 195 – 201
4. Муҳамадҷони Т. Р. Рушди фалсафаи маориф дар осори маорифпарварони замони Эҳёи Аҷам. [Матн] / Т.Р. Муҳамадҷони // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - 2017. - №3/1. - С. 134 - 139
5. Муҳамадҷони Т. Р. Масъалаи ташаккули шахсият дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII. [Матн] / Т.Р. Муҳамадҷони // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2019. №2/2. - С. 57 - 60

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

– Доктори илмҳои фалсафа, профессор, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Саидов А.С.;

– Номзади илмҳои фалсафа, дотсент, сардори шуъбаи пажӯҳиши анъанаву маросим ва диншиносии муқоисавии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти ҶТ Шоев З.;

– Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистонт К. Олимов;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд. Эродҳо асосан хатогиҳои имлоиву техникиро дар бар мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII таҳлил гардида, хусусиятҳои онҳо нишон дода шудаанд;
- дар рисола ба таври мушаххас низоми таълиму тарбия дар асрҳои зикршуда мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифта, пайванду робитаи он ба назми таълиму тарбия дар тамаддуни ориёӣ муайян гардида, дар муқоиса таҳлил шудааст;
- аҳамияти афкори таълимӣ ва тарбиявии мутафаккирони тоҷик ба инкишофи масъалаҳои фалсафаи муосири маориф дар шароити имрӯза нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия:**

- хулоса ва пешниҳодҳои тадқиқот барои омӯзиш ва баррасии минбаъдаи фалсафаи маориф метавонанд хизмат кунанд;
- таҳлили иҷтимоӣ-фалсафии масъалаи афкори фалсафӣ ва педагогии мардуми форсу тоҷик имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мухталифи ақидаҳои онҳо дар таълиму тарбия дар шароити имрӯза истифода шаванд ва барои беҳтар сохтани самаранокии раванди таҳсил метавон таъсири мусбӣ дошта бошад;
- ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаҳои рисоларо метавон дар коркарди курсҳои махсуси таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи маориф, педагогика, назария ва таърихи фарҳанг, сотсиология, равоншиносии иҷтимоӣ истифода намуд;

**Дар раванди таҳқиқот** хусусияти хосси мавзӯи илмӣ, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои он нисбати таҳқиқи ин масъала, равиши таҳқиқи мавзӯъ, шакл ва усулҳои махсуси назариявӣ ва амалӣ дуруст муайян гардидаанд, ки дар таҳқиқоти мазкур принсипҳои мантиқӣ таърихӣ, методи диалектикӣ, усулҳои институтсионалӣ ва синергетикӣ истифода шудаанд.

Ғояҳо ва хулосаҳои барои таҳқиқи мавзӯъ муҳимми файласуфони ватанию хориҷӣ, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон, диншиносон ва равоншиносон истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯро нуктаҳои зерин ташкил менамоянд:**

- ғояҳои фалсафаи маорифи тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба таври мушаххас баррасӣ ва таҳлил карда шудааст;
- ба таври мушаххас таъсири афкори таълимӣ-тарбиявии мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII ба инкишофи афкори минбаъдаи мутафаккирони

ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардида, аҳамияти онҳо дар раванди тарбияи насли наврас дар шароити муосир ошкор карда шудааст;

- ба таври мушаххас таъсири низоми таълиму тарбия дар тамаддуни ориёӣ ба низоми таълимии фарҳанги исломӣ муайян гардидааст.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 27-уми августи соли 2020 қарор қабул карда шуда, ки ба Муҳамадҷони Тағоймуроди Раҳматулло дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 13 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор** **С. Аҳмадов**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент** **Муминов А. И.**

27.08.2020с.